ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ
Ректори Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав,
профессор ____________ Давлатзода С.Х.
«_02_» ______04______ с. 2020

**ХУЛОСАИ**
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Диссертатсияи Ашурзода Ҷамшеди Хуршед дар мавзӯи: «Ифротгароии динию сиёсӣ ва хусусиятҳои муҳимми он дар раванди дигаргуншавии ҷомеа (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ дар кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав омода гардидааст.

Дар раванди омода гардидани диссертатсия Ашурзода Ҷамшеди Хуршед унвонҷӯи кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав маҳсуб меёфт. Айни замон ӯ ба ҳайси ассистенти кафедраи мазкур фаъолият намуда истодааст.

Ашурзода Ҷамшеди Хуршед соли 2014 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси «ҳуқуқшиносӣ» хатм намудааст.

Ашурзода Ҷ.Х. дар давраи унвонҷӯӣ имтиҳонҳои номзадиро бомуваффақият супоридааст. Имтиҳони номзадӣ аз фанни забони англисӣ 07.02.2016 бо баҳои 4 (хуб), аз фанни таърих ва фалсафаи илм 10.03.2018 бо баҳои 4 (хуб), аз фанни сиёсатшиносии умумӣ 17.09.2019 бо баҳои 4 (хуб) ва аз ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ 08.10.2019 бо баҳои 5 (аъло) супорида шудаанд. Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17.10.2019, №627 ба Ашурзода Ҷ.Х. маълумотнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ додааст.

**Роҳбари илмӣ** – Нуриддинов Раймалихон Шаҳбозович, доктори илмҳои сиёсӣ, профессор мудири кафедраи муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон.

Диссертатсияи Ашурзода Ҷамшеди Хуршед дар ҷаласаи васеи кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав муҳокима гардида, барои ҳимоя тавсия шудааст. Дар раванди муҳокимаи диссертатсия иштирок намуданд: доктори илмҳои сиёсӣ, дотсент Саидов А.С., номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Исозода Т.И., номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Сафарализода Х.Қ., номзади илмҳои сиёсӣ Саидзода Д.А., номзади илмҳои сиёсӣ Ализода Н.А., муаллимони калони кафедра Саидов А.А., Одиназода Н.Ҳ., Таваров Д.С., ва ассистентон Саидзода Д.С., Ҳабибуллозода Қ.Ҳ., Разоқов Ҷ.Ҳ., Абдусаломзода А.М., Саломова Р.Қ. ва Олимова Ш.К.

Кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав диссертатсияи Ашурзода Ҷамшеди Хуршедро муҳокима ва баррасӣ намуда, хулосаи зеринро пешниҳод намуд:

Диссертатсияи Ашурзода Ҷамшеди Хуршед ба омӯзиши яке аз масъалаҳои муҳимтарини замони муосир бахшида шуда, дар он паҳлуҳои гуногуни ифротгароии динию сиёсӣ, таъсири он ба суботи сиёсии ҷомеа, сиёсишавии дин ҳамчун омили пайдоиши ифротгароии динию сиёсӣ, таъсири ифротгароии динию сиёсӣ ба суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳу воситаҳои безараргардонии он мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудаанд.

**Муҳиммияти омӯзиши мавзӯъ.** Дар марҳилаи навини давлатдории миллӣ яке аз ҳадафҳои стратегии давлату ҳукумат ҳифзи сохтори конститутсионии давлат ва таҳкими давлатдории миллӣ мебошад. Тибқи Конститутсияи давлат Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона эълон гардидааст. Аз ин рӯ, рушди ниҳодҳои демократӣ, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафолати озодии виҷдон, таъмини амнияти миллии кишвар, таъмини суботи ҷомеа

ва дар маҷмӯъ ба амал баровардани рушду инкишофи давлат ҳадафҳои олии Ҳукумати кишвар маҳсуб меёбанд. Мутаассифона, дар радифи имкониятҳо ва шароитҳои дар амал татбиқ намудани стратегияҳои мазкур, инчунин як қатор омилҳо ва хафву хатарҳое арзи ҳастӣ менамоянд, ки ба амнияти миллии кишвар ва дар маҷмӯъ ба сохтори конститутсионии давлат таҳдиди воқеӣ ба шумор меравaнд. Дар миёни онҳо ифротгароии динию сиёсӣ яке аз омилҳои хатарзо ва зуҳуроти манфие мебошад, ки дар таҳкими давлатдории миллӣ ба таври ҷиддӣ халал мерасонад.

Пайдоиш ва мавҷудияти ифротгароии динию сиёсӣ дар ҳар як кишвар ба назар мерасад. Аммо дар давлатҳои пасошӯравӣ он хусусиятҳои хоси худро доро аст. Пайдоиши ифротгароии динию сиёсӣ ҳанӯз дар замони шӯравӣ дар давраи ҷанги сард бо кӯмаку дастгирии рақибони ҳукумати шӯравӣ ва ҳамчун воситаи муборизаи сиёсию идеологӣ ба амал омада буд. Аммо дар давлатҳои пасошӯравии Осиёи Марказӣ баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ба омили ноустуворкунандаи ҷомеа табдил ёфт. Махсусан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар зери таъсири фаъолияти ифротгароии неруҳои сиёсии давлат ҷанги шаҳрвандӣ ба вуқуъ омад. Баъди ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ҳарчанд ҷанги шаҳрвандӣ хотима ёфта бошад ҳам, мутаассифона зуҳуроти ифротгароии динию сиёсӣ на танҳо аз байн нарафт, балки фаъолиятҳои пинҳонию ғайриқонунии худро дар шароити нав тақвият бахшид. Бо дарназардошти чунин вазъият Президенти давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми соли 2017 иброз намуданд, ки «солҳои охир терроризм ва ифротгароӣ ба хатари глобалӣ табдил ёфта, ҷаҳони муосирро ба ташвиш овардааст. Афзоиши ҷиноятҳои хусусияти ифротгароӣ ва террористӣ дошта ба вусъат ёфтани терроризми байналмилалӣ, фаъолшавии унсурҳои тундраву ифротгаро, ҷалби ҷавонон ба сафи созмонҳои экстремистиву террористӣ

ва иштироки онҳо дар низоъҳои мусаллаҳонаи давлатҳои хориҷӣ мусоидат менамояд».

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қишри аз ҳама зиёд осебпазир ҷавонон мебошанд. Маълум аст, ки тули солҳои зиёд аст, ки қисме аз ҷавонони давлат барои кору фаъолият ба Федератсияи Россия ба муҳоҷират сафар менамоянд ва айни замон таблиғи андешаҳои ифротӣ дар миёни муҳоҷирони тоҷик хеле хатарзо гардидааст. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки аз ҳама бештар муҳоҷирон андешаҳои ифротгароёнро ҷонибдоранд. Гузашта аз ин, дар дохили давлат низ ҳизбу ҳаракатҳои ифротию тундгаро ҷонибдорони зиёд доранд, ки чунин ҳолат барои суботи сиёсии давлат хатарзо мебошад.

Бо дарназардошти чунин вазъият омӯзиши паҳлуҳои гуногуни ифротгарои динию сиёсӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле муҳим ба шумор рафта, муайян намудани сабабҳои пайдоиши он ва ба таври дуруст ба роҳ мондани мубориза бо ин падидаи номатлуб зарур аст. Танҳо дар заминаи таҳқиқоти илмӣ метавон омилҳоеро муайян кард, ки боиси пайдоиши ифротгарои динию сиёсӣ мегарданд. Аз ин рӯ, таҳқиқоте, ки анҷом дода шудааст, на танҳо муҳим ва саривақтӣ мебошад, балки барои пешгирӣ намудану муқовимат нишон додан бо ин зуҳуроти номатлуб метавонад мусоидат намояд.

**Навоварии илмии таҳқиқот.** Масъалаи ифротгароии динию сиёсӣ бори аввал дар илмҳои сиёсии ватанӣ ба таври маҷмӯӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, он ҳамчун таҳдид ба суботи сиёсии давлат илман асоснок гардидааст. Бандҳои алоҳидаи навоварии илмии таҳқиқот дар ҳолатҳои зерин ифода меёбанд:

– дар заминаи омӯзиш ва таҳлили адабиёти илмӣ моҳият ва хусусиятҳои муҳимми ифротгарои динию сиёсӣ нишон дода шудааст;

- сабабҳо ва омилҳои пайдоиши ифротгароии динию сиёсӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, роҳу воситаҳои мубориза бар зидди он нишон дода шудаанд;

– хусусиятҳои муҳимми сиёсишавии дин таҳлилу баррасӣ гардида, нишонаҳои он ҳамчун омили бавуҷудоварандаи ифротгарои динию сиёсӣ муайян карда шудааст;

– омилҳои гуногуни паҳншавии ифротгароии динию сиёсӣ дар миёни ҷавонон таҳлилу баррасӣ гардидааст ва барои муқовимат бо онҳо тавсияҳои амалӣ пешниҳод гардидаанд;

– сабабҳо ва заминаҳои пайдоиши ифротгароии динию сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода шудааст;

– мушкилот ва дурнамои мубориза бо ифротгароии динию сиёсӣ ва тундгароии исломӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст.

**Аҳамияти назариявии натиҷаҳои таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки бори аввал дар илмҳои сиёсии ватанӣ масъалаи ифротгароии динию сиёсӣ ба таври комплексӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, бо дарназардошти ҳифзи суботи сиёсии ҷомеа ва манфиатҳои ҳаётан муҳимми давлат масъалаи мазкур мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Аз ин рӯ, хулосаҳо ва натиҷаҳои асосии диссертатсия барои таҳқиқи минбаъдаи зуҳуроти ифротгароии динию сиёсӣ заминаи илмию назариявӣ фароҳам меоварад. Инчунин натиҷаҳои таҳқиқот барои гузаронидани мониторинги вазъи ифротгароии динию сиёсии ҷомеа метавонад истифода бурда шавад. Дар таҳқиқоти мазкур муаллиф доираи васеи адабиёти илмиро таҳлилу баррасӣ намудааст, ки чунин маводи таҳлилӣ барои ташаккули ҷаҳонбинии назариявии муҳаққиқони ҷавон ва онҳое, ки ба омӯзиши ифротгароии динию сиёсӣ машғул мегардад, хеле аҳамиятнок мебошад.

Дар илмҳои сиёсии ватанӣ то ҳанӯз масъалаи ифротгароии динию сиёсӣ объекти таҳқиқоти алоҳида қарор дода нашудааст. Таҳқиқоти мазкур аввалин иқдоме мебошад, ки дар заминаи методологияи таҳқиқоти сиёсӣ ва бо дарназардошти таъмини устувории системаи сиёсии давлат анҷом дода шудааст. Дар таҳқиқоти мазкур ифротгароии динию сиёсӣ ҳамчун таҳдиди воқеӣ ба амнияти миллии кишвар ва ба суботи сиёсии

давлат тасаввур гардида, бо дарназардошти оқибатҳои ногувори он пешгирӣ ва безараргардонии ин падидаи номатлуб мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

**Асосҳои назариявию методологии таҳқиқот.** Дар раванди омӯзиши мавзӯи таҳқиқот ва таҳлилу баррасии паҳлуҳои гуногуни асарҳои илмии олимони хориҷӣ ва ватанӣ истифода бурда шудаанд. Асосҳои назариявии таҳқиқотро низ хулосаҳои назариявии олимони мазкур ташкил медиҳанд. Инчунин дар раванди таҳқиқот методҳои мушаххаси илмӣ истифода шудаанд. Аз ҷумла, методҳои системавӣ, муқоисавӣ, аналогия, бихевиористӣ, институтсионалӣ, меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва типологӣ истифода шудаанд. Методҳои мазкур имкон додаанд, ки сабабҳои пайдоиши ифротгароии динию сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуда, омилҳои гуногуни таъсиррасон ба ин раванд нишон дода шаванд. Махсусан, муайян намудани мушкилиҳои мубориза бо ифротгароии динию сиёсӣ ва пайдо намудани роҳу воситаҳои мувофиқ ҷиҳати муқовимат бо ин падидаи номатлуб бо истифода аз иқтидори методологии методҳои номбаргардида амалӣ карда шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳои илман асоснокшуда ва умуман маводи диссертатсия дар раванди таълими фанҳои сиёсатшиносӣ, амнияти миллӣ, амнияти иттилоотӣ, сотсиология ва антропологияи сиёсӣ метавонанд истифода бурда шаванд. Инчунин натиҷаҳои таҳқиқот барои муҳаққиқоне, ки ба омӯзиши дигаргуниҳои сифатӣ ва равандҳои сиёсии замони муосир машғуланд, аҳамияти илмию назариявӣ доранд. Инчунин хулосаҳои таҳқиқоти мазкурро дар самти таҳияи барномаҳои давлатӣ ва стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба ифротгароӣ ва терроризм барои солҳои 2016-2020 истифода намудан мумкин аст.

Эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада ва хулосаҳои муаллиф ба воситаи илмияти диссертатсия, методология ва методҳои истифодашуда, адабиёти илмии истифодашуда ва аз ҷониби муаллиф мустақилона мавриди омӯзиш қарор гирифтани мавзӯи таҳқиқотӣ асоснок карда мешавад. Муаллиф дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқот иштирок намуда,

натиҷаҳои пажуҳиши худро дар шакли мақолаҳои илмӣ чоп намудааст. Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар шаш мақолаи илмӣ ва ду маърӯзаи муаллиф чоп гардидаанд. Мазмуну мундариҷаи диссертатсия ба талаботи муқаррааргардида ҷавобгӯ буда, таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба шумор меравад. Автореферати диссертатсия муҳтавои асосии таҳқиқоти мазкурро пурра ифода менамояд.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳои муаллиф инъикос гардидаанд. Муаллиф вобаста ба мавзӯи таҳқиқшуда 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои такризшаванда ва 3 маърӯза чоп намудааст.

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои такризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

1. Ашурзода Ҷ.Х. Ифротгарои динӣ: мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои он // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –2017. –№2/10. –С.286-290. ISSN 2413-5151
2. Ашурзода Ҷ.Х. Ифротгарои динию сиёсӣ ва хусусиятҳои муҳимми он // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –2018. –№4. –С.288-293. ISSN 2413-5151
3. Ашурзода Ҷ.Х. Ифротгарои динию сиёсӣ: омилҳои пайдоиш ва роҳу воситаҳои мубориза // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –2018. –№5. –С.313-317. ISSN 2413-5151
4. Ашурзода Ҷ.Х. Сиёсишавии дин ҳамчун омили пайдоиши ифротгарои динию сиёсӣ ва таъсири он ба амнияти миллии кишвар // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –2019. –№6. –С.264-271. ISSN 2413-5151
5. Ашурзода Ҷ.Х., Исозода Т.И. Паҳншавии ғояҳои ифротгарои динию сиёсӣ дар миёни ҷавонон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –2020. –№1. –С.285-290. ISSN 2413-5151

**Маърӯзаҳои илмӣ**

1. Ашурзода Ҷ.Х. Ифротгарои динӣ дар Тоҷикистон: сабабҳои пайдоиш ва заминаҳои ташаккулёбӣ // Нақши институтҳои сиёсӣ дар ташаккулёбии ҷомеаи шаҳрвандӣ: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ (ш.Душанбе, 12 декабри соли 2018). –Душанбе, 2018. – С.256-266.
2. Ашурзода Ҷ.Х. Мафҳум ва моҳияти ифротгарои динию сиёсӣ // Таҳсилот ва илм дар асри XXI: тамоюлоти муосир ва дурнамои рушд: маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ (ш.Душанбе, 26-29 октябри соли 2018). –Душанбе, 2018. –С.277-287.
3. Ашурзода Ҷ.Х. Ифротгарои динию сиёсӣ ҳамчун таҳдид ба амнияти миллӣ // Ҷаҳонишавӣ ва таҳдидҳои нави замони муосир: маводи мизи гирди ҷумҳуриявии илмию назариявӣ (ш.Душанбе, 5 декабри соли 2019). –Душанбе, 2019. – С.200-212.

Ҳамин тариқ, Ашурзода Ҷамшеди Хуршед аз ӯҳдаи анҷом додани таҳқиқоти илмӣ баромада, вазифаҳои дар назди худ гузошташударо пурра иҷро намудааст. Диссертатсияи ӯ кори илмию таҳқиқотии мустақилона анҷомдодашуда мебошад, ки дар омӯзиши минбаъдаи ҷомеаи иттилоотӣ ва бартараф намудани монеаҳои дар ин самт мавҷудбуда саҳми арзанда мегузорад. Таҳқиқоти мазкур дар илмҳои сиёсии ватанӣ иқдоми хеле муҳим ба шумор рафта, барои таъмини амнияти иттилоотии давлат ва рушди инфрасохтори иттилоотии кишвар аҳамиятнок мебошад.

Дар маҷмӯъ, мазмуну мундариҷаи таҳқиқот, маводи дар диссертатсия истифодашуда, ҷанбаҳои назариявию методологии диссертатсия бо ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ мувофиқат менамоянд. Диссертатсия аз рӯи натиҷаҳои назариявӣ ва хулосаҳои илмӣ, тавсияҳои амалӣ ва сатҳу сифати таҳияи худ ба талаботи муқаррарнамудани Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Ашурзода Ҷамшеди Хуршед дар мавзӯи: «Ифротгароии динию сиёсӣ ва хусусиятҳои муҳимми он дар